**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосир мубориза бар зидди ҷинояткорӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат ба ҳисоб меравад. Самаранокии ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо аз бисёр ҷиҳат ба сифати гузаронидани амалҳои тафтишотӣ, бахусус азназаргузаронии ҷои ҳодиса вобастагӣ дорад. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса яке аз амалҳои аввалиндараҷа ва муҳимтарини тафтишотӣ буда, маҳз дар раванди он қисми зиёди иттилооти далелӣ оид ба ҳолат, механизми содиршавӣ ва шахсияти иштирокчиёни ҳодиса ошкор ва мустаҳкам карда мешавад.

Таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки камбудиҳо дар ташкил ва тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса аксар вақт боиси аз даст рафтани осор ва дигар далелҳои муҳим гардида, ба пуррагӣ, воқеият ва объективияти тафтишот таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баробари ин, рушди технологияҳои иттилоотӣ, пайдоиши шаклҳои нави ҷинояткорӣ, истифодаи воситаҳои муосири техникӣ аз ҷониби ҷинояткорон ва мураккаб гардидани механизми содиршавии ҷиноятҳо зарурати такмили асосҳои назариявӣ ва амалии тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ба миён меорад.

Мубрамияти таҳқиқот инчунин аз он бармеояд, ки дар илми криминалистика масъалаҳои вобаста ба хусусиятҳои тактикии азназаргузаронии ҷои ҳодиса, тартиби истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни гурӯҳи тафтишотӣ ва роҳҳои баланд бардоштани

самаранокии ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии иттилооти криминалистӣ ба омӯзиши минбаъда ниёз доранд. Таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии мазкур то ҳол баҳсталаб буда, таҳияи тавсияҳои илмӣ-асоснокро тақозо менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, ба такмили методикаи тафтишоти ҷиноятҳо, баланд бардоштани сифати ҷамъоварӣ ва истифодаи далелҳо, инчунин ба таҳкими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат менамояд. Маҳз ҳамин омилҳо мубрамият ва аҳаммияти илмии мавзуи интихобшударо муайян мекунанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили амиқи назарияҳои криминалистӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқот мафҳум ва моҳияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун амали муҳими тафтишотӣ мушаххас гардида, нақш ва аҳаммияти он дар ошкор, мустаҳкамсозӣ ва таҳқиқи далелҳои ҷиноятӣ асоснок карда шудааст. Омилҳои асосии таъсиррасон ба самаранокии азназаргузаронии ҷои ҳодиса муайян ва гурӯҳбандӣ гардида, тавсияҳои илмӣ оид ба такмили фаъолияти тафтишотӣ ҳангоми гузаронидани ин амали мурофиавӣ таҳия шудаанд. Ҳамчунин, роҳҳои истифодаи самараноки воситаҳои муосири илмӣ-техникӣ ва технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни азназаргузаронии ҷои ҳодиса пешниҳод гардида, пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва методии ин фаъолият таҳия шудаанд.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд. Аввалан, муаллиф мафҳуми мукаммалшудаи азназаргузаронии ҷои ҳодисаро пешниҳод менамояд, ки онро ҳамчун низоми ҳаракатҳои криминалистӣ, ташкилӣ ва тактикӣ барои ошкор, сабт, таҳқиқ ва баҳодиҳии иттилооти дорои аҳаммияти исботӣ муайян мекунад. Дуюм, таснифи нави омилҳои таъсиррасон ба самаранокии азназаргузаронии ҷои ҳодиса асоснок гардидааст, ки омилҳои объективӣ ва субъективиро дар бар гирифта, имконияти интихоби дурусти усулҳои тактикиро фароҳам меорад. Сеюм, модели марҳилавии тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса пешниҳод шудааст, ки марҳилаҳои омодагӣ, гузаронидан ва ҷамъбасти ин амали тафтишотиро дар шакли низоми ягона муттаҳид менамояд. Чорум,

зарурати истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои муосири техникӣ барои баланд бардоштани сифати ҷамъоварӣ ва ҳифзи далелҳои ҷиноятӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Панҷум, тавсияҳои илмӣ оид ба такмили ҳамоҳангсозии фаъолияти муфаттиш, кормандони оперативӣ ва мутахассисон ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса пешниҳод гардидаанд. Шашум, пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва методии гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ ва таъмини пуррагии исботкунӣ мусоидат менамоянд. Ҳафтум, маҷмӯи тавсияҳои амалӣ барои пешгирии хатогиҳои маъмул ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса таҳия гардидааст, ки ба ҳифзи пурраи осор ва дигар маълумоти криминалистии аҳамиятнок равона шудаанд.

Маҷмӯи натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта, метавонанд дар рушди минбаъдаи илми криминалистика, такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳо истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмии соҳаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва криминалистика, инчунин корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин бо таҳлили амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзиши маводи парвандаҳои ҷиноятӣ, таҷрибаи гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ҷамъбасти фаъолияти амалии муфаттишон, кормандони оперативӣ ва мутахассисони соҳаи криминалистика таъмин карда шудааст. Хулосаҳои илмии муаллиф дар заминаи таҳлили муқоисавии назария ва амалия, омӯзиши таҷрибаи пешқадами тафтишотӣ ва арзёбии интиқодии нуқтаи назарҳои гуногуни илмӣ таҳия гардидаанд.

Асоснокии тавсияҳои пешниҳодшуда бо мутобиқати онҳо ба талаботи қонунгузории амалкунанда, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва маълумоти бадастомада аз фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Инчунин, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия бо талаботи муосири рушди илми

криминалистика ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо мувофиқат намуда, барои истифода дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, таълим ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ қобили татбиқ мебошанд.

Бо ҳамин, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок буда, дорои дараҷаи баланди эътимоднокии илмӣ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди минбаъдаи назарияи криминалистика, махсусан бахши марбут ба тактикаи амалҳои тафтишотӣ, саҳми муайян мегузоранд. Дар таҳқиқот мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса мушаххас гардида, пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили шаклу усулҳои гузаронидани ин амали муҳими тафтишотӣ таҳия шудаанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи криминалистика ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда барои такмил додани фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса равона шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи дастурҳои методӣ, барномаҳои таълимӣ, такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ истифода шаванд. Истифодаи тавсияҳои пешниҳодшуда ба ошкорсозии босифат ва саривақтии далелҳои ҷиноятӣ, коҳиш додани хатогиҳои тактикӣ ва баланд бардоштани сифати тафтиши ҷиноятҳо мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки татбиқи амалии тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кам намудани хароҷоти вобаста ба гузаронидани амалҳои иловагии тафтишотӣ, пешгирии талафоти иттилооти далелӣ ва сарфаи захираҳои моддӣ ва вақт мусоидат намояд. Такмили тартиби азназаргузаронии ҷои ҳодиса имконият медиҳад, ки ҷиноятҳо бо хароҷоти камтар ва дар муҳлати кӯтоҳтар ошкор ва тафтиш карда шаванд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия аз он иборат аст, ки татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини адолати судӣ мусоидат менамояд. Самаранокии бештари азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои ошкорсозии ҷиноятҳо, пешгирии беҷазоӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аҳаммияти муҳим дошта, ба таъмини амнияти ҷомеа ва суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Дар асоси натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия 8 мақолаи илмӣ нашр гардидааст. Аз онҳо 5 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар, ки сатҳи илмӣ ва эътимоднокии заруриро доранд, ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартї, муқадима, се боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиљањои тањќиќот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. њаљми умумии диссертатсия 193 сањифаро ташкил медињад.

Боби якум – «Асосҳои назариявии азназаргузаронии ҷои ҳодиса» ба омӯзиши асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии азназаргузаронии ҷои ҳодиса бахшида шудааст. Дар ин боб мафҳум, моҳият ва аҳаммияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса ҳамчун яке аз амалҳои муҳими тафтишотӣ баррасӣ гардида, мақсад, вазифа ва принсипҳои асосии гузаронидани он таҳлил шудаанд. Ҳамчунин нақши азназаргузаронии ҷои ҳодиса дар ошкор, ҷамъоварӣ ва таҳкими далелҳои ҷиноятӣ муайян карда шудааст.

Боби дуюм – «Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистӣ ва инноватсионӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса» масъалаҳои вобаста ба таъминоти техникӣ-криминалистии фаъолияти тафтишотиро фаро мегирад. Дар боб воситаҳои муосири криминалистӣ, имкониятҳои истифодаи онҳо дар ошкор ва мустаҳкамсозии осори ҷиноят, инчунин нақши технологияҳои инноватсионӣ, аз ҷумла воситаҳои рақамӣ, аксбардорӣ, наворбардорӣ ва дигар технологияҳои муосир дар баланд бардоштани самаранокии азназаргузаронии ҷои ҳодиса мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби сеюм – «Тактикаи криминалистии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва давраҳои он» ба хусусиятҳои ташкилӣ ва тактикии гузаронидани

азназаргузаронии ҷои ҳодиса бахшида шудааст. Дар он хусусиятҳои тактикии марҳилаи омодагӣ, тартиби гузаронидани таҳлили вазъият ва ҷамъоварии иттилооти криминалистӣ дар ҷараёни азназаргузаронӣ, инчунин масъалаҳои баҳогузорӣ, сабт ва натиҷагирии маълумоти бадастомада баррасӣ гардидаанд. Дар боб тавсияҳои амалии криминалистӣ оид ба такмили тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ пешниҳод шудаанд.

Дар маҷмӯъ, бобҳои диссертатсия масъалаҳои назариявӣ, техникӣ ва тактикии азназаргузаронии ҷои ҳодисаро ба таври мукаммал таҳқиқ намуда, барои такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва рушди илми криминалистика аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафњум ва моњияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1.Дар диссертатсия масъалаи таносуби мафҳумҳои «азназаргузаронии ҷои ҳодиса» ва «азназаргузаронии ҷои ҷиноят» ба таври кофӣ таҳлил нашуда, мавқеи муаллиф оид ба фарқият ва хусусиятҳои онҳо возеҳтар ифода карданро тақозо менамояд.

2.Ҳангоми таҳлили технологияҳои инноватсионӣ, аз ҷумла воситаҳои рақамӣ ва технологияҳои муосири криминалистӣ, муаллиф бештар ба ҷанбаҳои назариявӣ таваҷҷуҳ намуда, масъалаҳои амалии татбиқи онҳо дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал баррасӣ нашудаанд.

3.Дар баъзе ҳолатҳо пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса хусусияти умумӣ дошта, механизмҳои мушаххаси татбиқи онҳо дар амалияи тафтишотӣ пурра нишон дода нашудаанд.

4.Мақсаднок мебуд, агар муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар самти истифодаи воситаҳои техникии муосир ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба таври муқоисавӣ бештар таҳлил менамуд.

Бо вуҷуди эродҳои мазкур, онҳо хусусияти тавсиявӣ ва баҳсӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти анҷомдодашуда кори мустақили илмии анҷомёфта буда, ба талаботи нисбат ба диссертатсияҳои илмӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти илмии Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса», ба ҳадафи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ равона гардидааст ва ба ихтисоси 5.5.12. Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мансуб аст. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Муаллиф таҳқиқоти диссертатсиониро мустақилона анҷом дода, дар раванди он аз усулҳои муосири илмӣ, таҳлилӣ ва криминалистӣ васеъ истифода намудааст. Сохтори диссертатсия бо риояи пайдарпайии мантиқии масъалаҳои таҳқиқшаванда таҳия гардида, имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои назариявӣ, техникӣ ва тактикии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ба таври мукаммал мавриди баррасӣ қарор гиранд. Дар таҳқиқот на танҳо масъалаҳои назариявии вобаста ба моҳият ва аҳаммияти азназаргузаронии ҷои ҳодиса таҳлил шудаанд, балки тавсияҳои амалӣ оид ба такмили тактикаи гузаронидани он, истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва технологияҳои инноватсионӣ низ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳияи натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо нашри мақолаҳои илмӣ ва пешниҳоди маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ тасдиқ мегардад. Натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми ташкил ва гузаронидани азназаргузаронии ҷои ҳодиса мавриди истифода қарор гиранд. Услуби таҳлил, тарзи баёни масъалаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда аз сатҳи хуби омодагии илмии муаллиф, дониши амиқи ӯ дар соҳаи криминалистика ва қобилияти анҷом додани таҳқиқоти мустақили илмӣ шаҳодат медиҳанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсия барои такмили асосҳои назариявӣ ва амалии азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Файзуллозода Айнулло Қудратулло дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷои ҳодиса» пурра ба талаботи муқарраргардидаи меъёрҳои омодасозии диссертатсия ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмӣ ва таҳлили комили

проблемаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратураро таъмин мекунад. Аз ин нуқтаи назар, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**Сармутахассиси кафедраи таҳқиқоти криминология, коррупсия ва пешгирии ҷинояткории факултети адлияи ҷиноятии Донишгоҳи давлатии њуќуќшиносии Тошканд д.и.ҳ.** **Астанов И.Р.**

**Имзои Астанов И.Р.-ро тасдиќ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии њуќуќшиносии Тошканд** **Мамасабиров Д.**
**«25» августи 2026 с.**

Суроға: 100047, Ҷумҳурии Узбекистон,ш.Тошканд, Сайилгоҳ, хонаи 35
телефон: +(99871) 233-66-36
Коммутатор: +998 71-236-28-06 +998 71 233-66-36
Факс: +998 71 233-37-48